«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, д.и.к.,
профессор Маҳмадёрзода У.М.
аз «___» _________ соли 2025

**Хулосаи**

Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ба диссертатсияи докторанти (PhD) – и кафедраи растанипарварӣ Кулиев Қудратулло Ҳабибуллович дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кулоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902- Сабзавотпарварӣ

Диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллович дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902-Сабзавотпарварӣ дар кафедраи растанипарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур иҷро карда шудааст.

Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи технолгияи нигоҳдорӣ, коркард ва бехатарии маҳсулоти ғизоии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Тоҷидин Пирзода;

Мушовири илмӣ - доктори илмҳои кишоварзӣ, академики АИКТ, профессори кафедраи растанипврварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Набиев Толиб Набиевич;

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Кулиев Қудратулло Ҳабибуллович докторант (PhD)-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ба шумор мерафт.

Кулиев Қ.Ҳ. соли 2009 ба факултети агрономии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дохил шуда, соли 2013 донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси агрономӣ хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз рӯйи ихтисоси агроэкология дохил шуда, соли 2015 бо ихтисоси агроэкология хатм кардааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, №320 аз 11-уми декабри соли 2015 ба ҳайси

докторант (PhD)-и шуъбаи рӯзонаи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз рӯйи ихтисоси 6D080101-Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ қабул шудааст.

Мавзуи кори диссертатсионӣ бо фармоиши ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур №23, аз 11-уми апрели соли 2016 ва роҳбари илмӣ – Комилов Анис Давлатҷонович, номзади илмҳои кишоварзӣ тасдиқ карда шудааст.

Ҳамзамон, мавзуи кори диссертатсионӣ дар шурои олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, протоколи №2, аз 30-юми сентябри соли 2021 иваз карда шудааст. Роҳбари илмии докторант – Комилзода Анис Давлатҷон, номзади илмҳои кишоварзӣ ва Набиев Толиб Набиевич, доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, академики АИКТ ҳамчун мушовири илмӣ тасдиқ карда шудааст.

Дар баробари ин, дар шурои олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур протоколи №1, аз 30-юми августи соли 2025 роҳбари илмии докторант иваз карда шуда, Тоҷидин Пирзода- доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, ҳамчун роҳбари илмӣ ва Набиев Толиб Набиевич, доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, академики АИКТ, мушовири илмӣ тасдиқ гардидааст.

Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич нақшаи таълими докторантураи (PhD)-ро аз рӯйи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ дар ҳаҷми 180 кредит пурра ба итмом расонида, имтиҳони маҷмӯии ихтисосии Аттестатсияи хатмро бо гирифтани 100 балл ё 5 (аъло) супоридааст (Маълумотномаи академӣ, №4).

Шуруъ аз соли 2018 то ба имрӯз дар вазифаҳои гуногуни ассистенти кафедраи ботаника ва экологияи кишоварзӣ, ҷонишини декан оид ба тарбияи факултети агрономии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур фаъолият намудааст.

Дар маҷлиси мазкур мутахассисони зерин аз Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, ки дар назди он шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст, иштирок доштанд:

1. Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич - доктори илмҳои кишоварзӣ, аъзои шурои диссертатсионии 6D.КОА - 096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;

2. Султонова Мавҷуда Ҳасановна - доктори илмҳои кишоварзӣ, аъзои шурои диссертатсионии 6D.КОА - 096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;

3.Эшонқулова Раъно Убайдуллоевна - номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири шуъбаи илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

Диссертатсия дар маҷлиси васеи кафедраи растанипарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур аз 20 сентябри соли 2025, протоколи №1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Дар муҳокимаи диссертатсия андешаронӣ намуданд: Маҳмадёрзода У.М. - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, узви вобастаи АИКТ, Норов М.С.- доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, Назиров Ҳ.Н. - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, Ахмедов Т.А.- доктори илмҳои кишоварзӣ, академики АИКТ, Султонова М.Ҳ. - доктори илмҳои кишоварзӣ, Боймуродов Р.Б. – номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент, Қурбонзода Б.А. - номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент, Рашидова М.М. - номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент, Эшонқулова Р.У. – номзади илмҳои кишоварзӣ ва Насридинов Қ.Ш. - номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент.

Бо дарназардошти маводҳои нашршуда, хулосаи муқарризон ва иштирокдорон маҷлиси васеи кафедраи растанипарварӣ оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902-Сабзавотпарварӣ чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Соҳаи тадқиқотӣ мавзуи диссертатсия муайян намудани меъёрҳои оптималии истифодаи нурии органикию маъданӣ ва таъсири онҳо ба ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулоти навъҳои нави бехпиёз буда, мазмуни диссертатсия ва тадқиқотӣ иҷрошуда ба шиносномаи ихтисоси 6D080902-сабзаволкорӣ мутобиқат мекунад.

**Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Тадқиқоти илмии мазкур ва мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятнок алоқамандӣ дорад ва дар Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №658 аз 31 декабри соли 2008 оид ба рушди таъминоти комплекси агросаноатии мамлакат равона карда шудааст, мувофиқ мебошад.

Тадқиқот дар асоси нақшаи барномаҳои корҳои илмию тадқиқотии факултети агрономии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур «Такмилдиҳии технологияи парвариши зироатҳои кишоварзӣ (рақами бақайдгирии давлатӣ 01011ТД068) барои солҳои 2015 -2020 иҷро карда шудааст.

Муҳтавои диссертатсияи мазкур ба самтҳои асосии тадқиқотҳои илмӣ алоқаманд буда, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат равона шудааст, мувофиқат менамояд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои тадқикот дар 17 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақола дар Конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ба чоп расиданд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии тадқиқотро дар бар мегиранд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Дар вақти амалӣ намудани тадқиқоти илмӣ, усулҳои умумӣ эътирофгардида барои гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ дар растанипарварӣ, барои коркарди нишондодҳои самаранокии иқтисодӣ усулҳои дисперсионӣ, мавриди истифода қарор дода шудаанд. Маводҳои бадастомада бо усули оморӣ коркард шудаанд. Таҷрибаҳои саҳроӣ дар давоми солҳои 2017 - 2020 аз ҷониби ҳайати комиссияи махсуси апробатсионии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур баҳогузорӣ карда шуда, натиҷаи он дар ҷаласаҳои кафедраҳои растанипарварӣ, ботаника ва экологияи кишоварзӣ муҳокима гардидааст.

Натиҷаи тадқиқоти илмӣ бо гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ тасдиқи худро ёфтаанд. Мавзуъ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо илман асоснок гардида, натиҷаи таҳқиқоти илмӣ тавассути миқдори зиёди нашри мақолаҳо ва бароmаду маърӯзаҳо тасдиқ шудаанд. Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ солҳои 2019-2023 баррасӣ шудаанд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои тадқиқи диссертатсионӣ.** Муаллиф дар омода намудан ва интихоби дурусти мавзӯи тадқиқотӣ, гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ, озмоишгоҳӣ, коркарди натиҷаҳои биометрӣ, фитометрӣ, таркиби сохтори ҳосил, маҳсулнокӣ, баҳодиҳии сифати маҳсулот, баромади сифати молӣ, талафёбии бехпиёз дар сардхона, шарҳи натиҷаҳои ба даст овардашуда, пойдоргардонии мавқеи илмӣ ва хулосаҳо, навиштани мақолаҳои илмӣ, ҳисоботҳои солонаю ҷамъбастӣ ва навишти диссертатсия иборат аст.

Саҳми иштироки бевоситаи унвонҷӯ барои ба даст овардани натиҷаи тадқиқот 85% аз ҳаҷми умумии корро ташкил медиҳад.

Диссертатсияи Кулиев Қ.Ҳ. дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти

Хатлон» ба ихтисоси 6D080902 - Сабзавотпарварӣ пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D080902-сабзавотпарварӣ мутобиқат менамояд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 150 саҳифаи матни компютерӣ таҳия гардида, аз муқаддима, 5 боб, хулосаю тавсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот, 31 ҷадвал, 9 диаграмма иборат буда, рӯйхати адабиёт 279 номгӯй, аз ҷумла, 12 муаллифони хориҷиро дар бар гирифтааст.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили тадқиқи диссертатсионӣ 17 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2,79 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии тадқиқ аз мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

**[1-М].** Кулиев К.Х. Продуктивность лука репчатого в зависимости от применения минеральных удобрений / Т.Н. Набиев, К.Х., Кулиев// Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз», Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. –Душанбе, 2025.- №2 (107). – С. 3-5. ISSN 2074-5435

**[2-М].** Кулиев К.Х. Рост, развитие продуктивность лука в зависимости от удобрения в условиях Кулябской зоны / Т.Н. Набиев, К.Х., Кулиев // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз», Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. –Душанбе, 2025. – №2 (107). – С. 6-8. ISSN 2074-5435

**[3-М].** Кулиев Қ.Ҳ., Таъсири истифодаи нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба тараққиёт, нашъунамо ва ҳосилнокии бехпиёз / Т.Н. Набиев, Қ.Ҳ., Кулиев // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз», Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. –Душанбе, 2024. – №1 (102). – С. 1-3. ISSN 2074-5435

**[4-М].** Кулиев Қ.Ҳ. Таъсири нуриҳои маъданӣ ба нашъунамо ва ҳосилнокии бехпиёзи навъи "Ҳисорӣ" / Т.Н., Набиев, Кулиев Қ.Ҳ. // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз», Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. –Душанбе, 2023. – №1 (99). – С. 5-7. ISSN 2074-5435

[5-М]. Кулиев Қ.Ҳ. Нашъунамо ва маҳсулнокии бехпиёз вобаста ба муҳлати кишт ва истифодабарии нуриҳои маъданӣ. / Т.Н., Набиев, А.Ҷ. Асроров, Қ.Ҳ. Кулиев // Илм ва фановарӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – Душанбе, 2023. – №1. –С. 180-184. ISSN 2312-3648

[6-М. Кулиев Қ.Ҳ. Хусусиятҳои нашъунамо ва ҳосилно бехпиёз дар шароити минтақаи Кӯлоб вобаста ба истифодаи вобаста ба истифодабарии нуриҳои маъданӣ / Қ.Ҳ. Кулиев // Илм ва фановарӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – Душанбе, 2023. – №1. –С. 238-241. ISSN 2312-3648

[7-М]. Кулиев Қ.Ҳ. Таъсири нуриҳои маъданӣ ба ҳосилнокии бехпиёз дар дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон // А.Д. Комилзода, Қ.Ҳ. Кулиев, С.Ҳ. Давлатов // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз», Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. –Душанбе, 2019. – №3 а (84). – С. 85-87. ISSN 2074-5435

[8-М]. Кулиев Қ.Ҳ. Тағйирёбии сифати бехпиёзи навъи "Испанӣ-313" вобаста аз меъёр ва таносуби нуриҳои маъданӣ // А.Д. Комилзода, Қ.Ҳ. Кулиев // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз», Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. – Душанбе, 2019. – №3 а (84). – С. 95-97. ISSN 2074-5435

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

[9-М]. Кулиев Қ.Ҳ. Истифодаи нуриҳои маъданӣ ва таъсири он ба маҳсулнокии бехпиёзи навъи "Ҳисорӣ" // Т.Н. Набиев, Қ.Ҳ. Кулиев, А.Д. Комилзода // Маҷмӯи мақолаҳои илмии конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Ҳалли мушкилотҳои асосии таъмини амнияти ғизоӣ тавассути самаранок истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити муосир". – Душанбе: – 2024. – С. 95-99

[10-М]. Кулиев Қ.Ҳ. Муҳлати кишт ва истифодаи нуриҳои минералии бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон / Т.Н.Набиев, Қ.Ҳ. Кулиев // Маҷмӯи мақолаҳои илмии конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Иқтисодиёти кишоварзӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ". – Душанбе: – 2023. – С. 32-35.

[11-М]. Кулиев Қ.Ҳ. Ҳосилнокии бехпиёз вобаста аз истифодаи нуриҳои маъданӣ / Т.Н. Набиев, Қ.Ҳ. Кулиев // Маҷмӯи мақолаҳои илмии конференсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявии дар мавзӯи "Иқтисодиёти кишоварзӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ". – Душанбе: – 2023. – С. 36-40.

[12-М]. Кулиев Қ.Ҳ. Маҳсулнокии бехпиёз вобаста аз муҳлати кишт ва меъёри гуногуни истифодабарии нуриҳои маъданӣ / Т.Н. Набиев, Қ.Ҳ. Кулиев, А.Ҷ. Асроров // Маҷмӯи мақолаҳои илмии конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Самаранок истифодабарии

заминҳои корами кишоварзӣ дар шароити диверсификатсияи истеҳсолот ва тағйирёбии иқлим”. – Душанбе: – 2023. – С. 88-90.

**[13-М].** Кулиев Қ.Ҳ. Давраи тараққиёт ва нашъунамои бехпиёз вобаста аз муҳлати кишт ва истифодаи нуриҳои маъданӣ / Т.Н. Набиев, Қ.Ҳ. Кулиев // Маҷмӯи мақолаҳои илмии конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Самаранок истифодабарии заминҳои корами кишоварзӣ дар шароити диверсификатсияи истеҳсолот ва тағйирёбии иқлим”.–Душанбе:–2023.–С. 150-152.

**[14-М].** Кулиев Қ.Ҳ. Таъсири муҳлати кишт ва истифодаи нуриҳои маъданӣ ба нишондодҳои биометрии зироати бехпиёз / Т.Н. Набиев, Қ.Ҳ. Кулиев // Маҷмӯи мақолаҳои илмии конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Самаранок истифодабарии заминҳои корами кишоварзӣ дар шароити диверсификатсияи истеҳсолот ва тағйирёбии иқлим”. – Душанбе: – 2023. – С. 161-163.

**[15-М].** Кулиев К.Х. Перспективы, повышения качественных характеристик картофеля и лука репчатого при применения органических и минеральных удобрений. // Т. Пирзода., А.Д. Комилов, Қ.Ҳ. Кулиев // Материалы международной научно-практической конференции Актуальной задачи эффективного использования земли в контексте инновационного развития аграрного сектора в условиях глобального изменения климата 30-31 марта 2018 года, Дангаринский государственный университет-2018. -С. 52-57.

**[16-М].** Кулиев Қ.Ҳ. Таъсири нуриҳои органикию маъданӣ ба маҳсулнокии бехпиёз ва сифатнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоб / Қ.Ҳ. Кулиев // Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ конференсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявии дар мавзӯи “Масъалаҳои муосир истифодабарии самаранокии замин дар рушди соҳаи кишоварзӣ вобаста ба номусоидии иқлим”. – Данғара: – 2018. – С. 151-154.

**[17-М].** Кулиев Қ.Ҳ. Технологияи парвариши пиёз // Х.А.Эмомов, Ф.Т. Қодиров, Қ.Ҳ. Кулиев // Маҷмӯи мақолаҳои илмии конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии дар мавзӯи “Аҳаммияти технологияи муосир дар баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ”. – Душанбе: – 2017. – С. 93-99.

Бо дарназардошти маводҳои нашршуда, хулосаи муқарризон ва муҳокимарониҳои иштирокдорони маҷлиси васеи кафедраи растанипарварӣ оид ба диссертатсияи Кулиев Қ.Ҳ. дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902 - Сабзавотпарварӣ ва ҷиҳати ҷавобгӯ будани мӯҳтавои диссертатсия ба талабот «Дар бораи

самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503)

**Маҷлис қарор кард:**

1. Диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллович дар мавзӯи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кулоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902-Сабзавотпарварӣ, кори тадқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллович дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902-Сабзавотпарварӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимояи такрорӣ дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса, дар маҷлиси васеи кафедраи растанипарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, протоколи №1, аз 20.09.2025 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 14 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа: н.и.к., дотсент Насридинов Қ.Ш.

Котиби ҷаласа: н.и.к., дотсент Рашидова М.М.

Имзоҳои Насридинов Қ.Ш.
ва Рашидова М.М. - ро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

Суроға: 734003, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 146
Телефон: 224-72-07